шаҳри Брюссел
7 ноябри соли 2013
№ 131107/03

# ИЗҲОРОТИ
## Сухангӯи хонум Кэтрин Эштон, Намояндаи Олии Иттиҳоди Аврупо, дар мавриди интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сухангӯи хонум Кэтрин Эштон, Намояндаи Олии Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва сиёсати амниятӣ ва ҳамчунин Муовини Раиси Комиссияи Аврупо, имрӯз изҳороти зеринро баён кардааст:

"Намояндаи Олӣ интихоботи Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистонро, хусусан, марҳалаи пешазинтихоботӣ ва сатҳи иштироки ҳизбҳои мухолиф дар он, бо диққат мушоҳида кард.

Иттиҳоди Аврупо борҳо Тоҷикистонро ба баргузории интихоботи озод, демократӣ, шаффоф ва фарогир даъват намуда аҳамияти озодии расонаҳои оммаро ва озодии суханро доимо таъкид мекард.

Намояндаи Олӣ ёфтаҳову хулосаҳои пешакии гурӯҳи мушоҳидони байналмилалии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)/Дафтари Созмонҳои Демократӣ ва Ҳуқуқи Инсонро (ДСДҲИ) ба инобат гирифт, яъне интихобот ба таври мусолиматомез баргузор шуд, аммо маҳдудиятҳои зиёде дар вақти сабти номи номзадҳо боиси адами хостагирии вокеъӣ ва нестии чандандешагии пурмазмун гашт.

Намояндаи Олӣ мутаассиф аст, ки тавсияҳои қаблии ДСДҲИ, ки баъд аз интихоботи парлумонии соли 2010 пешниҳод шудаанд, аз тарафи мақомоти ҳокимияти Тоҷикистон иҷро нагардидаанд ва ӯ боз ба иҷрои комили ин тавсияҳо даъват менамояд.

Ҳамзамон, Намояндаи Олӣ мақомоти ҳокимияти Тоҷикистонро даъват менамояд, ки он маҳдудияту норасоиҳое, ки дар интихобот ошкор гардида ва дар ҳисоботи қаблии САҲА/ДСДҲИ ишора шуда бо роҳи натиҷабахш бартараф шаванд. Иттиҳоди Аврупо аз ҷониби худ омода аст то ба Тоҷикистон барои ҷавобгӯ кардани раванди интихобӣ ба эътиқодҳои САҲА ва дигар стандартҳои байналмилалӣ дар гузарондани интихоботи демократӣ, кӯмак бирасонад".